ТДУ 656.075

# ҲОЛАТ ВА РУШДИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА АВТОМОБИЛҲО ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД

Ашӯров С.А. - ассистенти ДП ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд

***Калимаҳои калидӣ:*** *бозори автомобилӣ, хизматрасонии нақлиётӣ, бозори хизматрасонии автомобилӣ, муассисаҳои автосервисӣ, стансияҳои хизматрасонии техникии автомобилҳо.*

Шаҳри Хуҷанд дуюмин шаҳри калон дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва маркази вилояти Суғд мебошад, ки дар қисми шимолии Ҷумҳурӣ ҷойгир шудааст. Аҳолии шаҳри Хуҷанд мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар якуми январи соли 2016 175400 - нафар мебошад. Шумораи умумии автомобилҳо бошад дар ҳамин вақт 18150 – ададро ташкил медиҳад. Аз ин нишондиҳанда 16640 адад автомобилҳои шахсии дар ихтиёри аҳолибуда ва 1475 адад автомобилҳои дар ихтиёри субъектҳои хоҷагидорӣ мавҷудбуда мебошад. Сол ба сол шумораи автомобилҳо ва аҳолӣ дар шаҳри Хуҷанд зиёд шуда истодааст. Шумораи автомобилҳо ба 1000 нафар, 84 – адад мебошад ва ин нишондиҳанда ру ба афзоиш аст **[1. с. 26; 27; 412; 413.]**. Бо баробари зиёд шудани автомобилҳо талабот ба нигоҳубини техникӣ, таъмир ва умуман хизматрасонӣ ба автомобилҳо зиёд мешавад.

Хизматрасонӣ ба автомобилҳо ин яке аз қисми такибии инфраструктураи нақлиёти автомобилӣ мебошад, ки ба тамоми соҳаҳо алоқамандии зич дорад. Агар арзиши аслии корҳои нақлиёти автомобилӣ зиёд бошад таъсираш ба тамоми соҳаҳо мерасад ва дар натиҷа нархи ҳама намуди маҳсулот баланд мешавад. Зеро аксарияти корҳои нақлиётӣ дар Тоҷикистон тавассути нақлиёти автомобилӣ ба амал оварда мешавад.

Барои паст намудани арзиши аслии корҳои нақлиётӣ нархи хизматрасонӣ ба автомобилҳоро пасттар намудан лозим. Барои пасттар намудани нархи хизматрасонӣ ба автомобилҳо бозори хизматрасонӣ ба нақлиёти автомобилиро ташаккул додан лозим аст.

Умуман гирем нақлиёт ва инфраструктураи он ин рагҳои хунгарди мамлакат ба ҳисоб меравад. Автомобил бошад хуне аст, ки дар дохили он ҳаракат карда оксигенро ба ҳама аъзоҳо таъмин менамояд. Агар хун ҳаракат накунад ҳама аъзоҳо кор намекунанд. Барои хуб ҳаракат кардани хун дар рагҳо – яъне хуб фаъолият кардани нақлиёти автомобилӣ бояд бозори хизматрасонӣ ба нақлиёти автомобилиро ташаккул додан лозим аст.

Ҳоло автомобилҳое, ки дар шаҳри Хуҷанд мавҷуданд 80 фоизашон куҳна ва истифодабурдашуда мебошанд. Автомобилҳое ки аз хориҷа ворид мешаванд аксарияташон куҳнаву истифодабурдашуда ҳастанд ва аллакай ба ҳисоби миёна на кам аз 300000 км гаштаанд. Дар Тоҷикистон заводи автомобилбарорӣ, заводи қисмҳои эҳтиётӣ ва ё заводи маводҳои истифодашаванда барои автомобил вуҷуд надорад. Ин яке аз камбудиҳои бозори хизматрасонӣ ба автомобилҳо мебошад. Беҳтар мешуд агар дар шаҳри Хуҷанд ягон заводи истеҳсолкунандаи қисмҳои эҳтиётии бисёр истифодашаванда (сайленблок, устуворкунанда, шинаҳо, наконечники рулӣ) сохта шавад, то ки ба бозор маҳсулоти ватанӣ ҳам фурӯхта шавад ва воридот аз хориҷ камтар карда шавад.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ аҳолии шаҳри Хуҷанд зиёд шуда истодааст. Ин ҳам аз ҳисоби афзоиши табиӣ аҳолӣ ва ҳам аз ҳисоби урбанизатсия яъне шаҳришавӣ мебошад. Аҳолии шаҳру ноҳияҳои атрофи он низ ҳамин тавр зиёд шуда истодааст. Зиёдшавии аҳоли яке аз омилҳои зиёдшавии талаботи бозори хизматрасонӣ ба автомобилҳо мебошад. Ноҳияи Б. Ғафуров, шаҳрҳои Гулистон ва Бӯстон дар атрофи шаҳри Хуҷанд ҷойгир шудаанд, ки бозори хизматрасонӣ ба автомобилҳои ин шаҳру ноҳияҳо бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Зеро аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо барои таъмири автомобил аз хизматрасониҳои ҳамдигар истифода мебаранд, масалан аз шаҳрҳои Гулистон ва Бӯстон барои таъмири автомобил ба ноҳияи Б. Ғафуров ё шаҳри Хуҷанд меоянд ва ё баракс. Барои ҳамин ҳам ташаккулёбии бозори хизматрасонӣ ба автомобилҳои шаҳри Хуҷанд аз ин шаҳру ноҳияҳо низ вобастагӣ дорад. Афзоиши аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо дар панҷ соли охир дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1 – Аҳолии шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистону Бӯстон ва ноҳияи Б. Ғафурлов дар 5 соли охир**

| Шаҳру ноҳияҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
| Хуҷанд | 167500 | 169700 | 172700 | 175400 | 178400 |
| Б. Ғафуров | 332700 | 339800 | 347400 | 355000 | 363100 |
| Бӯстон | 30800 | 31900 | 32500 | 33500 | 34500 |
| Гулистон | 42300 | 43000 | 43700 | 45100 | 46000 |

**Сарчашма:** Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Маҷмӯаи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 25-соли Истиқлолияти давлатӣ.- С. 26-27

Аз ҷадвали зерин бармеояд, ки дар давоми 5 соли охир аҳолии шаҳри Хуҷанд қариб 11 ҳазор афзудааст.

Шумораи автомобилҳо дар ин шаҳру ноҳияҳо аз баъзе дигар минтақаҳои вилоят дида зиёдтар мебошад. Шумораи автомобилҳои шахсии дар ихтиёри аҳолибуда ва шумораи автомобилҳои дар субъектҳои хоҷагидорӣ мавҷудбуда дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2 – Шумораи автомобилҳои шахсии дар ихтиёри аҳолибуда ва шумораи автомобилҳои дар субъектҳои хоҷагидорӣ мавҷудбуда**

| Солҳо | | Шаҳру ноҳияҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Хуҷанд | Б. Ғафуров | Бӯстон | Гулистон |
| 2012 | Шумораи умумӣ | 16435 | 25717 | 3333 | 3507 |
| | Дар ихитёри аҳолӣ | 14867 | 24164 | 2979 | 2802 |
| | Дар субъектҳои хоҷагидорӣ | 1568 | 1553 | 336 | 705 |
| 2013 | Шумораи умумӣ | 18156 | 27527 | 3268 | 3605 |
| | Дар ихитёри аҳолӣ | 16614 | 25924 | 2931 | 2875 |
| | Дар субъектҳои хоҷагидорӣ | 1542 | 1585 | 337 | 730 |
| 2014 | Шумораи умумӣ | 18055 | 26896 | 3332 | 3473 |
| | Дар ихитёри аҳолӣ | 16580 | 26077 | 3187 | 2880 |
| | Дар субъектҳои хоҷагидорӣ | 1475 | 819 | 145 | 593 |
| 2015 | Шумораи умумӣ | 18115 | 26896 | 3156 | 3505 |
| | Дар ихитёри аҳолӣ | 16640 | 26077 | 3011 | 2912 |
| | Дар субъектҳои хоҷагидорӣ | 1475 | 819 | 145 | 593 |
| 2016 | Шумораи умумӣ | 19074 | 27233 | 3164 | 3540 |
| | Дар ихитёри аҳолӣ | 17641 | 26482 | 3011 | 2945 |
| | Дар субъектҳои хоҷагидорӣ | 1433 | 751 | 153 | 595 |

**Сарчашма:** Маълумотҳои БДА – и вилояти Суғд.

Автомобилҳои мавҷуда аксариаташон сабукрави шахсӣ мебошанд, ки фоизи асосии шумораи умумиро ташкил медиҳанд. Назар ба даҳ соли пеш таъминоти аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ ба ҳисоби ба ҳар 1000 нафар аҳолии мавҷуда зиёд шудааст, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3 – Таъминоти аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ ба ҳисоби ба ҳар 1000 нафар аҳолии мавҷуда**

| Шаҳру ноҳияҳо | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2003 | 2004 | 2005 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
| Хуҷанд | 40 | 40 | 45 | 43 | 86 | 78 | 78 | 87 | 86 | 88 |
| Б. Ғафуров | 32 | 32 | 30 | 69 | 61 | 60 | 63 | 62 | 60 | 60 |
| Бӯстон | 64 | 65 | 37 | 61 | 74 | 93 | 87 | 90 | 86 | 83 |
| Гулистон | 44 | 42 | 45 | 60 | 54 | 62 | 64 | 63 | 62 | 84 |

**Сарчашма:** Маҷмӯаи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 25-соли Истиқлолияти давлатӣ.- С. 412-413 (рақамҳои соли 2016, ҳисоби муаллиф бо истифодаи маълумотҳои оморӣ ва БДА)

Аз автомобилҳои сабукрав тамғаҳои OPEL ва MERCEDES-BENZ нисбатан зиёдтар мебошанд, ки дар шаҳри Хуҷанд мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2016 тамғаи OPEL – 3683 адад ва тамғаи MERCEDES-BENZ – 4887 ададро ташкил медиҳанд. Дар ҷадвали 4 тамғаи автомобилҳои сабукрави дар ихтиёри аҳолӣ мавҷуда бо фоиз нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 4 – Тамғаи автомобилҳои сабукрави дар ихтиёри аҳолӣ мавҷуда бо фоиз**

| № | Намуд ва тамғаи автомобилҳои сабукрав | Шумора | Фоиз, % |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Ҳамаи автомобилҳои сабукрав** | **15686** | 100 |
| 2. | ЗАЗ (ЛУАЗ) | 29 | 0,184 |
| 3. | ВАЗ ва навъҳои он | 1685 | 10,742 |
| 4. | ГАЗ ва навъҳои он | 330 | 2,103 |
| 5. | УАЗ ва навъҳои он | 28 | 0,178 |
| 6. | Москвич ва навъҳои он | 436 | 2,779 |
| 7. | AUDI ва навъҳои он | 48 | 0,306 |
| 8. | BMW ва навъҳои он | 572 | 3,646 |
| 9. | CHEVROLET ва навъҳои он | 5 | 0,031 |
| 10 | DAEWOO ва навъҳои он | 1994 | 12,711 |
| 11 | FIAT ва навъҳои он | 2 | 0,012 |
| 12 | FORD ва навъҳои он | 8 | 0,051 |
| 13 | HONDA ва навъҳои он | 75 | 0,478 |
| 14 | HYNDAI ва навъҳои он | 285 | 1,816 |
| 15 | INFINITI ва навъҳои он | 4 | 0,025 |
| 16 | JAGUAR ва навъҳои он | 1 | 0,006 |
| 17 | JEEP ва навъҳои он | 68 | 0,433 |
| 18 | KIA ва навъҳои он | 86 | 0,548 |
| 19 | LANG ROVER ва навъҳои он | 18 | 0,114 |
| 20 | LEXUS ва навъҳои он | 109 | 0,694 |
| 21 | MAZDA ва навъҳои он | 47 | 0,299 |
| 22 | MERCEDES-BENZ ва навъҳои он | 4887 | 31,155 |
| 23 | MITSUBISHI ва навъҳои он | 17 | 0,108 |
| 24 | NISSAN ва навъҳои он | 89 | 0,567 |
| 25 | OPEL ва навъҳои он | 3683 | 23,479 |
| 26 | SKODA ва навъҳои он | 2 | 0,012 |
| 27 | SUZUKI ва навъҳои он | 14 | 0,089 |
| 28 | TOYOTA ва навъҳои он | 317 | 2,020 |
| 29 | VOLKSWAGEN ва навъҳои он | 101 | 0,643 |
| 30 | VOLVO ва навъҳои он | 19 | 0,121 |
| 31 | Дигар намудҳои мошинҳои сабукрав | 727 | 4,634 |

**Сарчашма:** Маҷмӯаи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 25-соли Истиқлолияти давлатӣ.- С. 412-413 (рақамҳои соли 2016, ҳисоби муаллиф бо истифодаи маълумотҳои оморӣ ва БДА)

Аз ин ҷадвал маълум мешавад, ки 54 фоизи умумии автомобилҳои шаҳри Хуҷандро ду тамға, яъне OPEL ва MERCEDES-BENZ ташкил медиҳанд.

Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон ва ноҳияи Б. Ғафуров хизматрасонӣ ба автомобилҳо дар стасияҳои хизматрасонии техникии автомобилӣ, устохонаҳои шахсӣ ва дигар ҷойҳо гузаронида мешавад. Марказҳои нисбатан калони хизматрасонӣ ба автомобилҳо ё ин ки нуктаҳои калони хизматрасонӣ ба автомобилҳо дар шаҳри Хуҷанд ва атрофи он ин “Кооперативи матлуботи гаражи Довудия”, “ҶСК Сорбон”, “Маркази таъмири техникӣ «Автосервис» - и ҶСП Сомонсуғд”, “ҶСК Чархи гардун”, “ҶДММ Сайёр”, “Автобазаи - 33” “МНА – 4”, “ҶСК Бахромсервис”, “АРЗ - 4”, “Устосевис” (дар шаҳри Бӯстон) ва ғайраҳо.

Ҳамаи автомобилҳо ба шаҳри Хуҷанд ва умуман Тоҷикистон аз хориҷа тавассути роҳи оҳан аз Кореяи ҷанубӣ, Олмон, давлатҳои назди Балтика ва ғайраҳо ворид карда мешаванд. Тайёркунии пеш аз фурӯши автомобилҳо вақте, ки автомобилҳо аз хориҷа ба шаҳри Хуҷанд ворид мешаванд дар назди истгоҳи роҳи оҳан, стансияҳои хизматрасонии техникӣ, дар устохонаҳои шахсӣ ва дигар ҷойҳо гузаронида мешавад. Баъди он ба бозори гардиши шаҳри Гулистон бурда фурӯхта мешавад, ки ин бозор ягона бозори автомобилфурушӣ дар вилояти Суғд ба ҳисоб меравад. Аз ин бозор на фақат аҳолии шаҳри Хуҷанд балки аҳолии тамоми вилояти Суғд ва ҳатто баъзан аз ҷануби Тоҷикистон омада харидорӣ менамоянд.

Баъзе автомобилҳои воридшуда аз таъмири пурра гузашта баъд ба бозор бароварда мешаванд, чунки ҳолати техникиашон хело вазнин аст. Дар давоми истифодабарии автомобилҳо коршоямӣ ва барқароркунии онҳо (диагностика, нигоҳубини техникӣ, таъмири пурра), шароити техникии истифодабарии онҳо (шинамонтаж, танзими чархҳо, коркарди зиддиткаррозионӣ), истифодабарии автомобилҳо (насби таҷҳизотҳои иловагӣ, тайёркунии инфиродии автомобил, тозакунии химиявии салон

ва шӯстушӯи автомобил), бехатарии экологии онҳо (диагностика ва танзими CO – CH, истифодабарии партовҳои автомобил) дар марказҳо ва нуқтаҳои хизматрасонӣ ба автомобилҳо таъмин ва гузаронида мешавад. Ин корҳо дар асоси шартномаи байни соҳиби автомобил ва челонгар ё ин ки таъмирчӣ гузаронида мешавад.

Фурӯши қисмҳои эҳтиётӣ, таҷҳизотҳо ва маводҳои молидании автомобилҳо яке аз қисми сердаромад дар ин соҳа ба ҳисоб меравад. Аз сабаби он ки автомобилҳо нисбатан кӯҳнатаранд талабот ба қисми эҳтиётӣ зиёдтар мебошад. Дар шаҳри Хуҷанд мағозаи фурӯши қисмҳои эҳтиётӣ зиёд мебошанд. Дар як худи Маркази таъмири техникӣ «Автосервис» - и ҶСП Сомонсуғд 80 мағозаи фурӯши қисмҳои эҳтиётӣ вуҷуд дорад. Аммо дар ягон мағозҳои шаҳр қисмҳои эҳтиётии сертификати сифатдор фурӯхта намешаванд. Ин яке аз камбудиҳои асосии бозори хизматрасонӣ ба автомобилҳо ба ҳисоб меравад. Сабаб дар он аст, ки қисмҳои эҳтиётии сертификати сифатдор гаронарзиш ҳастанд ва шароити иқтисодии мардум ба хридории онҳо мувофиқат намекунад, барои ҳамин тоҷирон аз хориҷ намеоранд. Қисмҳои эҳтиётӣ асосан аз Чин ворид карда мешаванд ва баъзан қисмҳои эҳтиётии истифодабурдашуда аз давлатҳои Аврупо оварда мешавад.

Партовҳои автомобил ин қисмҳои корношоямшуда, равғанҳои истифодашудаи муҳаррик, ноқилкуттӣ, мости қафо, масолеҳҳои резинӣ, шинаҳои хӯрдашуда ва ғайраҳо мебошанд. Қисмҳои корношоямшудаи металӣ яъне оҳанпораҳо дар заводи шаҳр коркард карда шуда аз онҳо арматура истеҳсол карда мешаванд. Равғанҳои истифодашударо партовта истодаанд, коркарди ин намуди партов ба роҳ монда нашудааст. Хуб мешуд агар ин намуди партов ҳам мисли дигар давлатҳо коркард карда шуда самаранок истифода бурда шавад. Партовҳои резинӣ коркард карда нашуда истодаанд баъзеҳо месӯзонанд, баъзеҳо барои оҳакпазӣ истифода бурда истодаанд ва беъзеҳо ҷамъ карда ба Чин фиристода истодаанд. Бояд технология ворид намуда партовҳои резиниро коркард карда аз он ягон маҳсулоти резинии барои автомобил истифодашаванда масалан полик ё ягон чизи дигар истеҳсол намудан лозим аст то ки даромаднокӣ зиёд шавад.

Дар шаҳри Хуҷанд ягон макази диллерии автомобилӣ ва муассисаи хизматрасонии автомобилии шабакавӣ вуҷуд надорад. Танҳо муассисаҳои хизматрасонии автомобилии новобаста ва устохонаҳои шахсӣ фаъолият мекунанд.

Стансияҳои хизматрасонии техникии автомобилҳои (СХТА) дар шаҳр вуҷуддошта аз рӯи таъиноту вазифаашон дохилишаҳрӣ ва роҳӣ (дар шоҳроҳи Хуҷанд – Бӯстон ҷойгиршудаҳо) мебошанд. Аз рӯи дараҷаи махсусгардонӣ бошад якчанд намуди корҳоро иҷромекунанд. СХТА – и махсусгардонидашуда азруи тамғаи автомобил вуҷуд надорад. Дар онҳо ба якчанд намудҳои тамғаи автомобил хизматрасонӣ карда мешавад аммо барои баъзе автомобилҳои нав баъзеашон хизматрасонӣ карда наметавонанд. Дар шаҳри Хуҷанд аз рӯи шумораи постҳои корӣ СХТА – ҳои хурд, миёна ва калон вуҷуд доранд. СХТА – ҳои калони шаҳр ин “Кооперативи матлуботи гаражи Довудия”, “ҶСК Сорбон” ва “Маркази таъмири техникӣ «Автосервиси» - и ҶСП Сомонсуғд,” мебошанд, ки шумораи постҳояшон аз 30 то зиёд мебошад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои рақобатӣ дар шаҳр СХТА – ҳои фирмавӣ вуҷуд надоранд, СХТА – ҳои мавҷуда ба СХТА – и куҳна (Маркази таъмири техникӣ «Автосервиси» - и ҶСП Сомонсуғд), СХТА – и хусусии навсохташуда, СХТА – ҳо барои муассисаҳои нақлиётии автомобилӣ ва муассисаҳо (ҶСК Сорбон), СХТА – и гараҷӣ (Кооперативи матлуботи гаражи Довудия) дохил мешаванд. Аз рӯи нишондиҳандаҳои талабот ба хизматрасонӣ танҳо СХТА – ҳои маъмулии оддӣ вуҷуд доранд, СХТА – ҳои худхизматрасонӣ ва баргузида (элитарные) вуҷуд надоранд.

Барои автомобилҳои боркашони классашон миёна ва калони замонавӣ ягон СХТА вуҷуд надорад. Ҳамаи ин автомобилҳо асосан дар муассисаи нақлиётии автомобилии “ҶДММ – Сайёр” хизматрасонии техникӣ карда мешаванд. Ин муассиса дастгоҳу таҷҳизотҳои замонавӣ надорад аз ҳамин сабаб сифати таъмир он қадар баланд намебошад. Хуб мешуд агар дар вилояти Суғд якто СХТА – и замонавии махсусгардонидашудаи комплексӣ барои автомобилҳои боркашон ташкил карда шавад ва сифати хизматрасонӣ ба ин намуди автомобилҳо баланд бардошта шавад.

Ҳоло мувофиқи маълумотҳои РКД – и вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд нуқтаҳои хурду калони хизматрасонӣ ба автомобилҳо 11 адад мавҷуд аст, ки дар дохили баъзеи онҳо боз устохонаҳои хусусӣ мавҷуд аст, масалан дар мошинсаройи Довудия 40 устохонаи хусусӣ вуҷуд дорад. Дар ноҳияи Б. Ғафуров низ дар умуман 40 нуқтаҳои хурду калони хизматрасонӣ ба автомобилҳо амал мекунад, дар шаҳри Гулистон 2 адад ва дар шаҳри Бӯстон бошад 4 адад.

Нархи хизматрасонӣ шарномавӣ мебошад, байни муассисаҳо ва устохонаҳои шахсӣ рақобат низ вуҷуд дорад, ки барои ҷалб намудани мизоҷ нархро баланд намекунанд. Нархи миёнаи хизматрасонӣ барои корҳои алоҳида дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4 – Нархи миёнаи хизматрасонӣ ба корҳои алоҳидаи автомобилҳо дар шаҳри Хуҷанд ва атрофи он (сомонӣ)**

| № б/б | Номгӯи хизматрасонӣ | Истеҳсоли Руссия | Иномар-каҳо | Нархҳои паст | Нархҳо и баланд |
|---|---|---|---|---|---|
| **Таъмири умумӣ** | | | | | |
| | Ивази равған, муҳаррик ва филтр | 15 | 20 | 25 | 50 |
| | Равғанкунии қисмҳои асосӣ (НТ) | 10 | 20 | 50 | 50 |
| | Ивази филтри ҳаво | 3 | 10 | 10 | 10 |
| Таъмири муҳаррик | | | | | |
| | Таъмири пурраи муҳаррик | 300 | 550 | 750 | 2000 |
| **Ноқилкуттӣ** | | | | | |
| | Ивази ноқилкуттӣ | 100 | 120 | 350 | 480 |
| | Таъмири ноқилкуттии автоматӣ | 250 | - | - | - |
| | Таъмири қисмҳои ноқилкуттӣ | 200 | 300 | 400 | 550 |
| | Ивази диски такявӣ | 25 | 90 | 115 | 200 |
| | Ивази амортизаторҳо | 15 | 65 | 70 | 70 |
| | Ивази пружина | 25 | 110 | 120 | 150 |
| | Таъмири қисми гашти қафо | 80 | 120 | 200 | 270 |
| **Ҷудокунӣ ва васлкунии пурра** | | | | | |
| | Ҷудокунӣ ва васлкунӣ | 700 | 1200 | 1400 | 2300 |
| | Изолятсияи овозӣ ва изолятсияи ҳароратӣ | 600 | 700 | 900 | 1500 |
| **Тунукакорӣ** | | | | | |
| | Таъмири дар | 100 | 150 | 250 | 1000 |
| **Дигар намудҳои хизматрасонӣ** | | | | | |
| | Танзими кунҷи чархҳои идорашаванда | 30 | 40 | 50 | 70 |
| | Балансировка | 20 | 30 | 30 | 60 |
| | Ҷудокунии шина аз диска | 30 | 60 | 70 | 70 |
| | Таъмири қисмҳои куҳна | 60 | 60 | 160 | 160 |
| | Сиёҳкунии ойнаҳо | 150 | 250 | 300 | 300 |
| | Шутушӯи автомобил | 20 | 25 | 25 | 30 |
| | Тозакунии химиявии салон | 70 | 70 | 90 | 120 |
| | Ивази электрооборудования | 200 | 300 | - | - |
| **Корҳои рангуборӣ** | | | | | |
| | Рангкунии як элемент | 225 | - | - | - |
| | Рангкунии пурра | 100 | 1300 | 1500 | 2000 |
| | Рангкунии берунӣ | 800 | 1200 | 1500 | 2000 |
| | Суфтакунӣ, пардоздиҳӣ (Полировка) | 250 | 300 | 400 | - |

**Сарчашма:** Тадқиқоти муаллиф дар нуқтаҳои хизматрасонӣ ба автомобилҳо

Аз нигоҳи мо батанзимдарории нарх дар хизматрасонӣ ба автомобилҳо муносибати махсусро талаб мекунад, вай метавонад аз ҳисоби талаботи бозор ба ин хизматрасониҳо ҷорӣ шавад.

Барои ташаккул додани бозори хизматрасонӣ ба автомобилҳо ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасонӣ ба автомобилҳоро низ мукаммал намудан лозим аст. Зеро харидор ҳамавақт ҳақ аст (клиент всегда прав). Ин бозор бе истифоабарандагони ин намуди хизматрасонӣ ягон хел ташаккул ёфта наметавонад. Чунки агар мизоҷ набошад ба стансияҳои хизматрасонии техникии автомобилӣ кор нест.

Ҳоло дар бозор ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасонӣ ба автомобилҳо каме поймол шудааст. Якум ин ки ба хизматрасонӣ кафолат дода намешавад. Масалан мизоҷ автомобилашро аз таъмир мегузаронад пас аз як ҳафта боз автомобилаш таъмирталаб мешавад ва ӯ боз ба таъмир омада боз хароҷот мекунад. Ин аз якчанд сабабҳо ба амал омаданаш мумкин аст.

1. Пастсифат будани қисмҳои эҳтиётӣ.
2. Кӯҳна ё пастсифат будани дастгоҳу таҷҳизотҳо барои таъмир.
3. Набудани таҷҳизоти махсус.
4. Дасти иҷро шудани корҳо.
5. Аз рӯи раванди технологӣ иҷро нашудани таъмир.
6. Малакаи пасти челонгар.
7. Нафаҳмидани технологияи ҳозиразамон ва ғайраҳо.

Дар ҳақиқат ҳамаи ин камбудиҳо дар бозори хизматрасонӣ ба автомобилҳои шаҳри Хуҷанд вуҷуд доранд.

Барои бартараф намудани ин камбудиҳо якчанд корҳоро ба роҳ мондан лозим аст. Мукаммалкунии танзими давлатии бозори хизматрасонӣ ба автомобилҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз роҳҳои асосии ҳалли ин масъала мебошад. Ҷорӣ кардани талаботҳои иловагӣ барои ташкил кардани стансияи хизматрасонии техникии автомобилҳо ҳангоми иҷозатномадиҳӣ ва сертификатдиҳӣ ҳам метавонад ин камбудиҳоро бартараф намояд.

Рӯз ба рӯз автомобилҳо, дастгоҳу таҷҳизотҳо, ва технологияҳои нав ба нав истеҳсол шуда истодаанду ҷои автомобилҳо, дастгоҳу таҷҳизотҳо, ва технологияҳои кӯҳнаро ивазкарда истодаанд. Коргарони ин соҳаро қатъи назар аз коргари маъмурият, коргарони оддӣ ё таъмирчиҳо ва ғайраҳоро бояд барои омӯзиш ба давлатҳои дар ин соҳа пешрафта фиристодан лозим аст, то такмили ихтисос намуда автомобилҳо, дастгоҳу таҷҳизотҳо, ва технологияҳои нав ба нав истеҳсол шударо хубтар омӯзанд.

Дигар он ки барои ҳама мизоҷон нархи хизматрасонӣ якхела нест. Ба сару либоси мизоҷон дида нархгузорӣ мекунанд. Нархи ягона ё ин ки муайян барои кори муайян вуҷуд надорад. Баъзе намуди корҳо хело қиммат мебошанд, чунки ба ин намуди кор рақобат кам аст. Масалан барои ташхиси автомобилҳои замонавӣ ва таъмири ноқилкуттии автоматӣ ва ғайраҳо.

Хулоса роҳҳои ташаккулёбии бозори хизматрасонӣ ба автомобилҳо дар шаҳри Хуҷанд ин ташкили стансияҳои хизматрасонии техникии автомобилии маҷмуавӣ барои тамғаҳои автомобилҳое, ки шумораашон нисбатан камтаранд, ташкили стансияҳои хизматрасонии техникии автомобилии махсусгардонидашуда барои автомобилҳои тамғаи OPEL ва ERCEDES-BENZ ва мукаммалгардонии ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасонӣ ба автомобилҳо мебошад.

**Адабиёт**


1. Маҷмӯаи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 25-соли Истиқлолияти давлатӣ. TAJSTAT 640 с.
2. Ашуров С.А. Факторы развития станций технического обслуживания автомобилей // Вестник НГУЭУ, 2018.- № 4
3. Чеботаренко Е. С. Перспективные направления модернизации рынка автосервисных услуг Самарского региона. Автореферат – Тольятти, 2011.- 24 с.
4. Караев Р.Х. Организационно – экономические аспекты развития рынка автосервисных услуг в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан). Диссертация- Душанбе, 2016. -163 с.
5. Н.В. Пеньшин. Маркетинг и оценка качества на рынке автосервисных услуг. ISSN 0136-5835// Вестник ТГТУ, 2008.- Том14.- №1, Transactions TSTU
6. Тохиров Т.И. Организация станций технического обслуживания автомобилей // Социально-экономические явления и процессы, 2013.- № 9 (55).- С. 110–112
7. И.Ю. Бубнова. Формирование локального рынка автосервисных услуг и факторы, влияющие на его развитие. Весник Самарского государственного университета, 2009. ¹1 (51)



## АННОТАТСИЯ
## ҲОЛАТ ВА РУШДИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА АВТОМОБИЛҲО ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД

Ҳолат ва рушди хизматрасонӣ ба автомобилҳо дар шаҳри Хуҷанд**.** Дар мақола таҳлили объетивии бозори хизматрасонӣ ба автомобилҳои шаҳри Хуҷанд оварда шудааст. Дар таҳлил фурӯши автомобилҳою қисмҳои эҳтиётӣ, миқдори автомобилҳо ва омилҳои таъсиркунанда ба бозори хизматрасонии автомобилӣ нишон дода шудааст.

.

## АННОТАЦИЯ
## АНАЛИЗ ТЕКУЩЕГО СОСТОЯНИЯ РЫНКА УСЛУГ АВТОМОБИЛЬНОГО СЕРВИСА И УСЛУГ В ГОРОДЕ ХУДЖАНДЕ

В статье приведен объективный анализ таджикского рынка автомобилей и автосервисных услуг. Приведен анализ продаж автомобилей на территории Согдийской области. Рассмотрены факторы, влияющие на рынок автотранспортных услуг.



***Ключевые слова:*** *автомобильный рынок, транспортные услуги, рынок автосервисных услуг, предприятие автомобильного сервиса, станции технического обслуживания автомобилей.*



## ANNOTATION
## ANALYSIS OF THE CURRENT STATE OF THE MARKET OF SERVICES FOR AUTOMOBILE TRANSPORT IN THE CITY OF KHUJAND

Condition and development of a car service in Khujand. The article provides an objective analysis of the Tajik car and auto service market. The analysis and sales of cars in the territory of Sughd region. The factors influencing the market of motor transport services are considered

***Key words:*** *automobile market, transport service, car service market, automobile service enterprise, car service stations.*